Тасдиқ менамоям,
Муовини якуми Вазири рушди иқтисод
ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон,
роҳбари Гурӯҳи корӣ

_____________Солеҳзода А.А.

“28” апрели соли 2022

П Р О Т О К О Л И №03

ҷаласаи Гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба гузаронидани таҳлил ва баҳодиҳии чараёни иҷрои барномаҳои соҳавӣ ва минтақавӣ дар соли 2022 дар назди Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 28 апрели соли 2022 ш. Душанбе

**Иштирок доштанд:** аъзои Гурӯҳи корӣ ва мутахассисони вазорату идораҳо (руйхат пешниҳод мегардад).

**Иштирок надоштанд:** аъзои Гурӯҳи корӣ аз вазоратҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, саноат ва технологияҳои нав, молия, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, маориф ва илм, нақлиёт, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» ва аз Вазорати рушди иқтисод ва савдо Аҳадзода Б.- сардори Сарраёсати рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, Зиёиён А.-сардори Сарраёсати сиёсати савдо ва бозори истеъмолӣ, А. Вафо-сардори Раёсати рушди соҳаҳои иҷтимоӣ, Ҷалолов М.-сардори Раёсати дурнамосозӣ ва ҳамоҳангсозии сиёсати макроиқтисодӣ.

**Рӯзномаи ҷаласа:**

1.Муҳокимаи натиҷаи ҷараёни иҷрои «Барномаи давлатии тайёр кардани мутахассисони соҳаҳои фарҳанг, санъат ва табъу нашри Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 ноябри соли 2017, №549);

2.Муҳокимаи натиҷаи ҷараёни иҷрои «Барномаи махсуси дастгирии давлатии ҶСК «Тоҷик эйр» барои солҳои 2018-2023», (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2018, №476 ).

Ҷаласаро роҳбари Гурӯҳи корӣ, муовини якуми Вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Солеҳзода А. А. ифтитоҳ намуда, ҳозиринро бо рӯзномаи он шинос намуданд.

Вобаста ба масъалаи якуми рӯзномаи ҷаласа оид ба иҷрои «Барномаи давлатии тайёр кардани мутахассисони соҳаҳои фарҳанг, санъат ва табъу нашри Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022» Шарифзода Манучеҳр Муртазо -Муовини вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон гузоришро дар шакли рӯнамо пешниҳод намуд.

Нақшаи татбиқи чорабиниҳои барномаи мазкур аз 36 номгӯи чорабиниҳо иборат буда, барои амалисозии он маблағи умумии 7,1 млн сомонӣ пешбинӣ

шуда, дар давраи ҳисобот иҷрои он 4,7 млн. сомониро ташкид дод, ки ин 66,2 фоизи иҷрои барномаро аз рӯи маблағ дар бар мегирад.

Таҳлил нишон дод, ки сарчашмаҳои маблағгузориҳо ва индикаторҳои баҳодиҳӣ дар ҳисоботи рафти иҷрои Барнома пешниҳод нашудааст.

Ҳамзамон таклиф шуд, ки оид ба бандҳои иҷронашудаи Барнома дар муҳлати пешниҳодгардида маълумоти пурра пешниҳод карда шавад.

Оид ба масъалаи мазкур Солеҳзода А., Файзуллозода Ф. В., Давлатзода У. ва дигар иштироккунандагон ибрози назар намуданд.

Роҷеъ ба масъалаи дуюм оид ба ҷараёни иҷрои «Барномаи махсуси дастгирии давлатии ҷамъияти саҳомии кушодаи “Тоҷик Эйр барои солҳои 2018-2023», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2018, №476 тасдиқ шудааст, Набизода Азиз-Муовини Директори Агентии авиатсияи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузориш манзур намуд.

Қайд гардид, ки чорабиниҳои Барнома аз 11 банд иборат буда, давоми солҳои 2018-2020 татбиқи 7 бандҳои нақшаи амалисозии барнома пурра ва қисман таъмин карда шудаанд, ки ба 63,3 фоизи нақшаи Барнома рост меояд.

Ҳамзамон, пешниҳод гардид, ки ҳисобот бо назардошти ҷамъбастӣ 3 моҳи соли 2022 (бо индикаторҳои амалкунанда) таҳлил гардида, ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо пешниҳод карда шавад.

Дар охири ҷаласа бо дарназардошти кайдҳои боло чунин қарор қабул карда шуд:

1. Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷаи иҷрои «Барномаи давлатии тайёр кардани мутахассисони соҳаҳои фарҳанг, санъат ва табъу нашри Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022»-ро бо дарназардошти эродупешниҳодҳо такмил дода, то 5 майи соли 2022 ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо барои ҷамъбаст пешниҳод намояд;

2. Раёсати рушди соҳаҳои иҷтимоӣ (Абдулвориси В.) гузориши ҷамбастии такмилдодашударо оид ба ҷараёни иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 ноябри соли 2017, №549 то 15 майи соли 2022 ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол намояд;

3. Агентии авиатсияи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷараёни татбиқи «Барномаи махсуси дастгирии давлатии ҷамъияти саҳомии кушодаи “Тоҷик Эйр барои солҳои 2018-2023» бо назардошти эроду таклифҳои пешниҳодгардида то 5 майи соли 2022 гузоришро такмил дода, ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо барои ҷамъбаст пешниҳод намояд;

4. Сарраёсати рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт (Аҳадзода Б.) «Барномаи махсуси дастгирии давлатии ҷамъияти саҳомии кушодаи “Тоҷик Эйр барои солҳои 2018-2023»-ро мавриди арзёбӣ қарор дода, аз ҷараёни иҷрои он гузориши ниҳоиро ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то 15 майи соли 2022 пешниҳод намояд.

Котиби масъул Ҳ. Мавлонова